**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-059-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло таҳқиқоти илмии ба пуррагӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ бахшида шудааст.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадаии Зокирзода Зафар Хайрулло ба яке аз мавзӯҳои мубрами илм, амалия ва қонунгузории ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Мубрамияти мавзӯъ бо як чанд омилҳо аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст:

1. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат тағйироти муҳим ба амал омаданд, ки ин ба сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ бетаъсир намонд. Дар Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, ба ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин шудаанд. Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳими танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Бе сабаб нест, ки дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар ҷойи аввал ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гузошта шудааст. Моликияти хусусӣ дар қатори дигар шаклҳои моликият низ бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мегардад. Аз ин рӯ, мусодираи молу мулк ҷазое ба ҳисоб меравад, ки ба манфиатҳои моликияти хусусии одами мушаххас дахл дорад. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи мусодираи молу мулк

ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ва паҳлуҳои дигари он барои ҶТ беш аз пеш мубрам мебошад.

2. Мусодираи molу мулк ҳамчун воситаи асосии ҳуқуқи ҷиноятии муқовимат бо бойшавии ғайриқонунӣ, пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ, террористӣ ва экстремистидошта баромад менамояд. Лозим ба қайд аст, ки аз соли 1989 инҷониб дар сатҳи байналмилалӣ гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба софкории пул амал мекунад. FATF – ташкилоти байниҳукуматие мебошад, ки бо коркарди стандартҳои ҷаҳонии муқовимат бо софкории даромадҳои бо роҳи ҷиноятӣ бадастоварда ва маблағгузории терроризм машғул аст. ҶТ аъзои ин гурӯҳ аст. Бинобар ин, вобаста ба тавсияҳои гурӯҳи номбурда соли 2013 тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ ворид гардидааст, ки табиати ҳуқуқӣ ва мазмуни мусодираи молу мулкро ба тағйиротҳои куллӣ дучор намуд.

3. Бояд хотирнишон сохт, ки дар м. 57 КҶ ҶТ муқаррароти нави ҳуқуқии мусодираи молу мулк мавҷуд аст, ки аз муқаррароти қаблан вуҷуддошта фарқ менамояд: дар он ба предмети мусодираи молу мулк, намудҳои он ва шароити корбурдаш ишора карда шудааст, имкони қаблан ба қонунгузории ҷиноятӣ номаълуми мусодираи маблағи пулӣ ба ҷои молу мулк (қ. 4, м. 57 КҶ ҶТ) ва ҷуброни зарари расондашуда (қ. 5, м. 57 КҶ ҶТ), инчунин, намуд ва шартҳои корбурди он пешбинӣ шудааст. Вале масъалаҳои баёншуда шарҳи пурраи назариявӣ наёфтаанд. Номуайянии муқаррароти қонун дар бораи мусодираи молу мулк, аз як тараф, номувофиқатии муқаррароти марбутаи КҶ ҶТ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ, аз тарафи дигар, дар фаъолияти мақомотҳои ҳуқуқтатбиққунанда душвориҳоро ба вуҷуд меоварад. Вобаста ба тағйироти дар боло зикршуда қонуни ҷиноятӣ аз мусодираи пурраи молу мулк ба мусодираи қисман ва махсус гузаштааст. Ин нуқта дар КҶ ҶТ инъикоси худро ёфтааст. Аммо тартиби амали он дар КМҶ ҶТ ба талаботи моддаҳои КҶ ҶТ ҷавоб намедиҳад. Яъне, моддаҳои дахлдори КМҶ ҶТ бояд амалиёти мурофиавӣ барои ошкор намудани молу мулки ғайриқонунӣ бадастовардашуда, барои маблағгузории терроризм,

гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, иттиҳодияи ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) пешбинишударо муқаррар намоянд. Аз қисми хулосавии ҳукм бояд фаҳмо бошад, ки кадом қисми молу мулки маҳкумшуда ё кадом молу мулки ӯ бояд мусодира карда шавад. Танҳо дар чунин ҳолат принсипи дар мусодираи молу мулк гузоштаи КҶ ҶТ пурра амалӣ мегардад.

4. Бояд зикр намуд, ки дар ҶТ баъд аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба м. 57 КҶ ҶТ мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 13 июни соли 2013, № 965 шурӯъ карда, ҷазои мусодираи молу мулк аз ҷониби судҳо камтар таъин гардидааст. Чунончи, тибқи маълумоти Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ дар соли 2015 ҷазои мусодираи молу мулк танҳо нисбати 10 нафар, 2016 – 112 нафар, 2017 – 35 нафар, 2018 – 64 нафар, 2019 – 30 нафар маҳкумшуда таъин шудааст. Барои муқоиса ин намуди ҷазо соли 2012 нисбати 1320 нафар ва соли 2013 нисбати 1045 нафар таъин шудааст. Бинобар ин, тағйиру иловаҳо ба м. 57 КҶ ҶТ воридшуда муносибатҳои навро ба фаҳмиши он на фақат дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ низ ба вуҷуд овардааст. Ниҳоят, дар шароити шаклгирии «фазои ҳуқуқӣ» дар муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқсозии минбаъдаи қонунгузори ватанӣ дар бораи мусодираи молу мулк бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин, омӯзиш ва истифодабарии моделҳои қобили қабули танзими ҳуқуқии мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ бисёр муҳимму мубрам ба назар мерасад.

Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи 3 боб ва 6 зербоб моҳияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.

Боби якуми диссертатсия – «Танзими ҳуқуқии ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ» аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ ва асоснок масъалаҳои инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба мусодираи молу мулк зери таҳлил қарор додааст.

Боби дуюм «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк» аз се зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои табиати ҳуқуқии ҷиноятии мусодираи молу мулк; мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк ва мақсади мусодираи молу мулк мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюм «Проблемаҳои иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои тартиби иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур таҳқиқ шудааст. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд: таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк; баррасии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба мусодираи молу мулк; муайян намудани табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк; ошкор намудани мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк; омӯзиши мақсади мусодираи молу мулк; баррасии масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷиноятӣ ва қонунгузории он мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асоснокунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми муайяне дорад, чунки

дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот афзоиши донишҳо оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ба мушоҳида расид. Хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи дастуроти назариявӣ ва амалӣ, баҳри такмил додани танзими ҳуқуқи муносиботи ҷамъиятӣ, дар раванди татбиқи мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ истифода бурда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз имконоти истифодаи натиҷаи пажӯҳиши мавзӯъ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо нисбати масъалаи мавриди таҳқиқ дар раванди таълим, аз ҷумла, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин дар амалияи татбиқи мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ иборат аст.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:**

1. Зимни омӯзиши таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода З.Х. муайян гардид, ки мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ то соли 2013 ин намуди ҷазо бештар аз ҷониби судҳо таъин шудааст. Оморҳое, ки муаллифи диссертатсия пешниҳод намудааст, аз он гувоҳи медиҳад, ки баъди соли 2013 таъини ин намуди ҷазо кам гардидааст. Чунончи, унвонҷӯ дар саҳифаи 6 диссертатсия ва саҳифаи 4 автореферати диссертатсия чунин маълумоти омории таъин намудани мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятиро пешкаш намудааст. Дар соли 2015 ҷазои мусодираи молу мулк танҳо нисбати 10 нафар, 2016 – 112 нафар, 2017 – 35 нафар, 2018 – 64 нафар, 2019 – 30 нафар маҳкумшуда таъин шудааст. Барои муқоиса ин намуди ҷазо соли 2012 нисбати 1320 нафар ва соли 2013 нисбати 1045 нафар таъин шудааст. Аммо мувофиқи мақсад мебошад, ки муҳаққиқ сабаб ва омилҳои кам ва зиёд таъин гардидани ин намуди ҷазоро ба саҳми аъзои Шӯрои диссертатсионӣ пурра мерасонид.

2. Яке аз санадҳои муҳимми соҳавиро консепсияҳои давлатӣ, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии

Тоҷикистон қабул шудааст, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсияро зарур буд, ки дар таҳиқоти худ дар ин самт бояд мавқеи худро дақиқ муайян мекард ва рушди падидаи танзими ҳуқуқии мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятиро бо дарназардошти самтҳои афзалиятноки ин санадҳои муҳим мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятиро тавсеа мебахшид.

3. Яке аз масъалаҳои асосе, ки дар диссертатсия баррасӣ гардидааст, ин пешниҳодҳои муаллиф бобати мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Унвонҷӯ дар саҳифаҳои 15-17-и диссертатсия пешниҳодҳои амалии худро бобати такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш намудааст. Аммо зимни таҳлили мавзӯъи мазкур маълум гардид, ки Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ нақши асосӣ дорад. Вале муҳаққиқ бобати мукаммал гардонидани қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои дахлдор манзур накардааст.

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Зокирзода Зафар Хайрулло мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тавре маълум гардид Зокирзода Зафар Хайрулло ба ҳайси аспиранти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст. Чунин фаъолияти унвонҷӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии Зокирзода Зафар Хайрулло барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне диссертатсия дар доираи барномаи

дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллифи 21 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Муаллиф аз соли 2015 то инҷониб дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ иҷроа гардид.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 176 саҳифаро дар бар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Ҳамчунин омӯзиш ва мутолиаи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ дар риштаи ҳуқуқ, ки ба мавзӯи танзими мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ доранд, манфиатбахш мебошад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи банди 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат намуда, таҳқиқоти илмӣ тахассусе мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммият дошта, дар роҳи ҳал ва коркарди навъи илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки ба рушди кишвар мусоидат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Зокирзода Зафар Хайрулло пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷиҳатҳои инноватсионии тадқиқоти анҷомдода дар он аст, ки ба қонуниятҳои таҳлили илмӣ ва услуби хосса асосёфта, мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ва инчунин унсурҳои асосии онро ифода мекунад. Дар таърихи илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаи муҳими дониши назариявӣ ва амалӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум, Зокирзода Зафар Хайрулло сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 78-85-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Ғайратов Т.М.**

**Имзои Ғайратов Т.М.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳои**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Ҷураев Ш.Н.**

Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (734055, ш. Душанбе хиёбони Борбад 48/5. Факс: (+992 37) 234-88-02. Тел: (+992 37) 234-88-02. E-mail: dsx_ips@mail.ru